«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода н. и. п., дотсент ______
Раҷабзода Махмадулло
«16» ноябри соли 2020

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик**

Таълифи маснавиҳои ирфонӣ дар адабиёти тасаввуф аз осори сегонаи ирфонии Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ ва Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ сарчашма гирифта, ин суханварони бузург дар таҳкими мабониву аркони ин ҷараёни фалсафию ҳикамӣ ва адабӣ нақши муассир доранд. Тибқи гуфтаи аҳли таҳқиқ, агарчи ҳар се тан аз ин шуарои ориф ба ташреҳи бадеию адабӣ ва диниву фалсафии нуктаҳои меҳварии ирфони исломӣ пардохтаанд, вале равишу сабки гуфтори онон аз ҳамдигар тафовутҳо низ доштанд. Рамзу рози афкору орои Саноиву Аттор ва Мавлавӣ меъёрҳои хоси шинохти худро дорад.

Аз миёни маснавиҳои ирфонӣ «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ шуҳрати бештар дорад ва дар гузаштаву имрӯз ба унвони дилангезтарин китоби манзуми сӯфиёнаву орифона шуҳрат дорад. Бо вуҷуди содагиву равонӣ, корбаст шудани мақолу зарбулмасалҳои таъсирбахш, ҷозибаву назокати гуфтор, бозтоби қиссаҳои зиёди омиёна, зикри ривоёти фаровон аз рӯзгори паёмбарону шахсиятҳои таърихиву асотирӣ ин асар шомили нуктаҳои мармуз ва афкори ниҳони Мавлоно мебошад. Аз ин рӯ, аз замони эҷод гардидан то ба имрӯз шореҳону

адабпажӯҳон ва иродатмандону мухлисони ин шоири тавоно ва орифи сутург талош ба баррасиву бозгӯии мафҳумҳои дарунии каломи «Маснавии маънавӣ» намуда меоянд. Шарҳномаҳо ва осори таҳлилии ин шаҳкитоб ҳар кадом арзиши муайяни адабӣ ва илмӣ дошта, ба тадқиқ ниёз доранд ва зимни пажӯҳиши муҳтавою мундариҷа ва равиши кори нақду сухансанҷии шореҳон роҳи шинохти нуктаҳои мармузи «Маснавии маънавӣ» осону ҳамвортар мегардад.

Диссертатсияи Тоҷибой Султонзода аз намунаҳои ҷолиб ва арзишманди адабиётшиносӣ мебошад, ки ба баррасиву нақди яке аз шарҳҳои маъруфи «Маснавии маънавӣ» - «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Хоразмӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқ тавонистааст, ки пажӯҳиши масоили меҳварии ин асари бунёдиро дар заминаи қиёсу муқобала бо шарҳномаҳои дасти аввали «Маснавии маънавӣ» ба субут расонад. Диссертатсияи мазкур аз назари ба муомилоти таҳқиқотӣ кашидани ҷанбаҳои гуногуни шарҳнигории хос ба «Маснавии маънавӣ» хеле фарогир буда, далолат аз мутолиаи фарох, иттилооти фаровон, огоҳии амиқ аз ҷаҳони фикрии соҳиби «Маснавии маънавӣ» ва дастрасии муҳаққиқ ба маъхазҳои муҳимми адабию ирфонӣ менамоянд.

Равшан аст, ки Тоҷибой Султонзода барои баррасии умумии мундариҷаву сохтор, таҳлили махсусиятҳои ҳунариву поэтикии маохизи ирфонӣ донишу биниши олимона дорад, зеро бидуни дарки мабонии тасаввуф, ҳадаф, равиш ва пайванду ихтилофи ҷараёнҳои фикрии сӯфия сомони чунин кори тадқиқотӣ ба суҳулат даст намедиҳад.

Диссертатсияи Тоҷибой Султонзода фарогири муқаддима, чор боб, ҳаждаҳ фасл, бисту шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи манобеи илмиву адабӣ ва ирфонӣ мебошад.

Бахши муқаддимотии тадқиқот бозгӯи нуктаҳои асосии диссертатсия, сайри кӯтоҳи зарурату дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, равиши таҳқиқ ва заминаи назарии он, навгонӣ, арзиши назариву амалӣ, сарчашмаҳои пажӯҳиш, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ

манзуршаванда ва дигар меъёрҳои сохторӣ буда, унвонҷӯ огоҳона перомуни шарҳнависии «Маснавии маънавӣ» дар густураи адаби форсӣ-тоҷикӣ ва илми адабиётшиносии муосири ҷаҳонӣ изҳори назар менамояд. Мулоҳизоти ӯ дар оғози пажӯҳиш аҳамияти шахсияту осори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва шореҳи барҷастаи китоби ӯ Камолуддини Хоразмиро дар таърихи адабу ирфон равшан месозад. Аз муқаддима камолоти илмии муҳаққиқ дар баёни андеша, тарҳи тавзеҳи матолиб, эҷоди мабоҳис ва ҳалли матлуби онҳо дар қисматҳои дигари диссертатсия низ ба мушоҳида мерасад.

Боби нахустини диссертатсия «Сайри таърихии шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» унвон дошта, дар таъйину такмил ва тадқиқи таърихи нақду таҳлили китоби Мавлоно рӯйи коғаз омадааст. Муҳаққиқ дар заминаи мероси маънавии Мавлоно, манобеи наздик ба замони зиндагӣ ва маохизи марбут ба силсилаву маслаки ирфонии ӯ, чун «Маснавии маънавӣ», «Ғазалиёти Шамс», «Мактубот», «Фиҳӣ мо фиҳӣ», «Рисолаи Сипаҳсолор»-и Фаридуни Сипаҳсолор, маснавиҳои Султон Валад, «Маноқиб-ул-орифин»-и Аҳмади Афлокӣ, «Дақоиқ-ул-ҳақоиқ»-и Аҳмади Румӣ ва дигар асарҳоро дар мавриди таърихи шарҳу тавзеҳи «Маснавии маънавӣ» ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Дар фаслҳои дигари ин боб масъалаҳои вобаста ба оғози шарҳнигорӣ ба «Маснавии маънавӣ» дар Мовароуннаҳру Хуросон ва дастабандии анвои шуруҳ ба ин шаҳкитоби ирфонӣ бо далелҳои равшан тадқиқ шудаанд.

Корбасти саҳеҳи сарчашмаҳои илмиву адабӣ, дастрасӣ ба тозатарин тадқиқот роҷеъ ба навъҳои шарҳи «Маснавии маънавӣ», чун шарҳҳои форсӣ, туркӣ, арабӣ, инглисию олмонӣ, шарҳҳо ба забонҳои мардуми Ҳиндустон, шарҳи мушкилоти «Маснавӣ», таърихи ташреҳи «Найнома», тавзеҳи гузидаву мухтасари достону ҳикоёти он аз вусъати андешаву ковишҳои муттасили муаллифи диссертатсия далолат менамоянд. Ин навъи таҳлилҳо ва аз оғози тадқиқот риоя кардани пайванди мулоҳизоту афкори

илмӣ боиси арзиши баланди илмӣ пайдо намудан ва пурбор шудани диссертатсия гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Камолуддини Хоразмӣ ва накду таҳлили «Ҷавоҳир-асрор»-и ӯ» ном дорад, тадкиқи муфассали рӯзгору осори ин шореҳи варзида, равиши кори шарҳнигорӣ ва сарчашмаҳои андешаву асноди ӯ мавриди пажӯҳиши амиқ қарор гирифтааст. Ин қисмати диссертатсия дар қиёс бо дигар бобҳои он хеле муҳташам буда, муҳаққиқ чанд масъалаи меҳварии мавзӯъ, чун сабаби таълифи «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор», муҳтавою мундариҷаи мақолоти даҳгонаи китоб, бахраҷӯии шореҳ аз осори Мавлоно, сабки ин асар ва даҳҳо нуктаи вобаста ба онро таҳлил менамояд.

Муҳаққиқ Тоҷибой Султонзода дар оғози боби дуюм чанд масъалаи муҳим, монанди интисоб пайдо кардани девони шеъри Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ бо сӯфии маъруф Мансури Ҳаллоҷ, омезиш ёфтани номи шореҳ бо шахсияти ҳамномии ӯ - Шайх Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва масъалаи шогирди Абулвафои Хоразмӣ будани ӯро равшан менамояд. Бисёр ҷолиб аст, ки зимни баҳси рӯзгори Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ муаллиф нуктаҳои муҳимми таърихи адабиёти ин давраро тавзеҳ медиҳад ва бо фарогирии иттилооти фаровони илмӣ чеҳраи адабии шореҳи мазкурро ба унвони шоир, нависанда ва шореҳ барои аҳли адаб ошкор месозад.

Ҳамчунин, дар ин боб ба таври мухтасар таркиби ашъор ва маҳорати шоирии ӯ, нишонаҳои мутамойизи нусхаҳои «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-ро тадқиқ месозад.

Дар боби дуюм муҳтаво ва мундариҷаи мақолоти даҳгонаи шарҳномаи Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ бо манобеи сӯфия ҳаматарафа омӯхта шуда, мафҳумҳову истилоҳот ва аркони тасаввуф мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтаанд. Тоҷибой Султонзода бо шинохти сареҳи китоб тавонистааст, ки онро ба унвони дастури назариву амалии сӯфиён рӯнамо созад. Унвонҷӯ собит сохтааст, ки «Маснавии маънавӣ» барои ба асари

комили ирфонӣ табдил ёфтани «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» заминаҳои устувор гузоштааст.

Ҳамзамон, бо зикри далелу санадҳои қотеъ муаллиф муайян кардааст, ки Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ бо ёдкарду истифодаи афкори адибони ориф, амсоли Абӯабдурраҳмони Сулламӣ, Абӯбакри Калободӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Шайх Аттори Нишопурӣ, Муҳйиддин Ибни Арабӣ, Наҷмуддини Розӣ, Хоқонии Шарвонӣ, Фахруддини Ироқӣ ва дигарон худ аз шумори назарияпардозони ирфонӣ исломӣ маҳсуб меёбад.

Масъалаи дигаре, ки дар ин боб ҳусни кори тадқиқотии Тоҷибой Султонзодаро ба хубӣ бозтоб медиҳад, равиши шарҳи «Маснавии маънавӣ» дар «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ буда, муаллиф бо истифода аз усули муқоисавӣ-таърихӣ шабоҳату умумият ва тафовути кори шореҳони китоби Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро муайян месозад. Муҳаққиқ хеле нозуконаву дақиқкорона тарзи ташреҳи калимаҳо, ибораҳо, мафҳумҳо, мисраву байтҳо ва гоҳо мазмуни куллии ҳикоёту достонҳоро тавзеҳ медиҳад ва аз равиши кори шарҳнависон хулосаи фардии хешро иброз медорад.

Шарҳи дохилии «Маснавии маънавӣ», ки Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румиро ба унвони шореҳи аввалин маънидод менамояд, аз шумори нукоти марказии ин қисмати тадқиқот буда, бо баррасии пайванди андешаҳои Мавлонову Ибни Арабӣ ва рамзу роз доштани назми суханвар сурат гирифтааст.

Тадқиқи сабки нигориши шарҳнома, ҷойгоҳи оёти қуръониву аҳодиси набавӣ дар маърифати «Маснавии маънавӣ» ва баҳраҷӯии соҳиби «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор» аз шахсиятҳои барҷастаи ирфону адаб аз шумори самтҳои муҳимми ковишҳои илмии Тоҷибой Султонзода дониста мешаванд.

Боби сеюми диссертатсия «Шарҳнависӣ бар «Маснавии маънавӣ» дар Шибҳи қораи Ҳинд» номида шудааст. Ин қисмати диссертатсия низ ҳаҷман хеле калон буда, ба таърихи шарҳнигории «Маснавии маънавӣ» дар Ҳиндустон бахшида шудааст. Муаллиф фаслҳои ҷудогонаро ба омӯзиши

рӯзгору осор ва усули нақду сухансанҷии шореҳони Мавлоно, монанди Шайх Абдулатифи Аббосӣ, Муҳаммадризои Лоҳурӣ, Хоҷа Айюби Порсо, Валимуҳаммади Акбарободӣ ва дигарон ихтисос дода, қимати пажӯҳиши худро ба сифати таърихномаи шарҳнигории «Маснавии маънавӣ» боло мебардорад.

Муаллифи тадқиқот қабл аз он ки оид ба тафовут ва ҳамбастагии ин кутуб ёд намояд, мухтасаран перомуни ҷойгоҳи Мавлоно дар Ҳинд ва таъсири андешаву орои ӯ ба ҷомеаҳои ирфонии ин сарзамин ёд мекунад. Аз ҷумла, таъкид мекунад, ки яке аз сӯфиёни бузурги мулки Ҳинд Закариёи Мултонӣ, ки худ ҳамасри Мавлоно буд, дар замони зиндагии соҳиби «Маснавии маънавӣ» дар интишори таълимоти ӯ бо хайли муридонаш саҳм мегирифт. Дар баробари аҳли тасаввуф подшоҳону ҳокимони Ҳинд, чун Акбару Аврангзеб шефтаву иродатманди Мавлоно будаанд.

Аз сӯи дигар, Тоҷибой Султонзода бо ишора аз мавҷудияти қиссаҳои латифи Ҳиндустон дар «Маснавии маънавӣ» муҳаббати Мавлоноро ба ин сарзамини афсонавӣ хотирнишон месозад.

Муаллифи диссертатсия дар ин боб ба чанд масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардааст ва ҳалли ин нукоти марказии таҳқиқот бозгӯи донишу биниши олимонаи ӯ мебошанд:

Якум, пайванди мустақими ин ё он шореҳ ба Мавлоно ва осори ӯ, бавижа «Маснавии маънавӣ». Дар пажӯҳиш робитаи фикриву равонӣ доштани шореҳон ба ирфон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дуюм, огоҳии шореҳон ба мавҷудияти нусхаҳои гуногуни «Маснавии маънавӣ» ва шарҳои нисбатан ҷомеъ ва мухтасари ин китоб. Масалан, соҳиби тадқиқот зимни ҷустуҷӯҳои илмии худ маълум менамояд, ки Абдулатифи Аббосӣ дар дарбори Шоҳҷаҳон вазифаи идориро ба дӯш дошт ва зимни сафарҳои худ ба гирдоварии нусхаҳои «Маснавии маънавӣ» машғул мешуд. Ӯ дар заминаи 80 нусха ба нусхашиносӣ ва матншиносии ин китоби Мавлоно ба таври амиқ пардохта буд.

Сеюм, дар заминаи шарҳҳои «Маснавии маънавӣ» рӯи кор омадани фарҳангнома, дар мисоли «Латоиф-ул-луғот»-и Абдулатифи Аббосӣ.

Чорум, муқоисаи маънову мантиқи калимаву истилоҳоти дар «Маснавии маънавӣ» корбастшуда, тарзу услуби шарҳу тавзеҳи луғот, ибораҳо ва мафҳумҳо.

Муҳаққиқ Тоҷибой Султонзода зимни баррасиҳои илмии хеш ба тадқиқу ҳалли мубоҳисаҳои шореҳон мепардозад ва андешаҳои шореҳони сарзамини Ҳиндро бо ахбори «Ҷавоҳир-ул-асрор ва завоҳир-ул-анвор»-и Камолуддини Ҳусайни Хоразмӣ муқобала менамояд. Аз ҷумла, менависад, ки Муҳаммадризои Лоҳурӣ дар мавриди шарҳи вожаи “най” бо Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ихтилоф дорад. Хоразмӣ “най”-ро «қалами вуҷуди муҳаммадӣ» гуфтааст. Лоҳурӣ “най”-ро рамзи ҷудоиву шикоят дониста, муқобили нисбат додани он ба «зоти хайруланбиё» мебошад.

Панҷум, нозукравии шореҳон дар шарҳи калимоту истилоҳ ё яке аз маънии вожагонро интихоб намудани онҳо.

Шашум, бар мабнои «Маснавии маънавӣ» ва шарҳномаи бар он навишташуда таҳким ёфтани аркони ирфони исломӣ дар билоди Ҳинд.

Ҳафтум, вусъат ёфтани ҷаҳони фикрии Мавлоно ва таблиғи афкори ҷаҳонсози ӯ ба василаи хидмати шореҳони сарзамини Ҳиндустон.

Паҳлӯҳои дигари мавзӯи тадқиқоти илмӣ дар ин боб риоя гардидани рабту ҳамбастии қиссаву ҳикоёт, истифодаи онҳо ҳангоми шарҳи пурраи матолиб, корбасти оёту аҳодис, мақолу гуфтори арабӣ, судҷӯӣ аз тафсири дарунии «Маснавии маънавӣ» ба шумор мераванд, ки ҳар як аз ҷанбаҳои омӯзиш бо забони хоси нигориш, сабки муҳаққиқона, риояи меёрҳои баҳси илмӣ, истиқлоли назари муаллиф, корбурди саҳеҳи сарчашмаҳои илмиву адабӣ рӯйи коғаз омадаанд.

Муҳаққиқ Тоҷибой Султонзода аз хидматҳои шореҳони дигар, чун Муҳаммадризои Лоҳурӣ аз зикри нусхабадалҳо ва шеваҳои зиёди маънидоди калимаҳову мафҳумҳо хотирнишон мешавад.

Муаллиф дар мавриди равиши кори Хоҷа Айюби Порсо ва назари интиқодии ӯ ба шарҳҳои дигари «Маснавии маънавӣ» далели зиёд меоварад. Масалан, ӯ менависад, ки Хоҷа Айюби Порсо дар мавриди рабти достони подшоҳ ва канизак назароти се шореҳи дигар –

Муҳаммадризо Лоҳурӣ, Абдулатифи Аббосӣ ва Мир Нуруллоҳи Аҳрориро зикр менамояд.

Ин тарзи таҳлили масъалаҳо маънои онро доранд, ки муаллифи диссертатсия пайваста саъй менамояд, то аз батни шарҳномаҳо ҳақиқати тафаккури осмонии Мавлоноро берун кашад ва барои илми адабиётшиносии муосир равзанаҳои равшани шинохти ин мутафаккири сатҳи ҷаҳониро боз намояд.

Аз муҳтавои андешаҳои муҳаққиқ дар шарҳи равиши кори Хоҷа Айюби Порсо бармеояд, ки ӯ низ зимни сухансанҷиҳои худ ба тавзеҳи луғот пардохтааст. Ҳамчунин, бо ташреҳи ҳикояҳои марбут ба рӯзгори Мавлоно раҳ ба олами андешаҳои вай гирифтааст.

Диссертатсияи Тоҷибой Султонзода боз аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки муаллиф тамоми равиши кор ва масъалаҳои вобаста ба шореҳонро нукта ба нукта тавзеҳ медиҳад. Ин даъворо омӯзиши ҳаматарафаи фаъолияти шарҳнигории Валимуҳаммади Акбарободӣ собит месозад, зеро дар баъзе лаҳзаҳо соҳиби рисола иртиботи фазою муҳити зиндагонии шореҳро зимни кушудани румузи «Маснавии маънавӣ» махсусан муҳим мешуморад.

Боби чоруми диссертатсия «Шарҳҳои «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир» унвон дошта, дар фаслҳои «Нигоҳе ба мактаби шарҳнигории туркӣ бар «Маснавӣ», «Юсуфи Синачок ва талхису шарҳи «Маснавӣ» дар Осиёи Сағир» ва «Гулшани тавҳид» – шарҳи манзуми «Маснавии маънавӣ» иборат аст.

Ин бахши рисола бо сайри мухтасари мавлавипажӯҳӣ дар кишвари Туркия оғоз гардида, муаллиф аз хидматҳои олимону донишмандон ва шореҳони турку форстабор ёдовар мешавад. Аз манзараи умумии боб бармеояд, ки Мавлоно дар ватани дувуми худ низ шуҳрати беандоза дорад ва донишмандону бинишварони ин сарзамин баробари иродат варзидан ба маслаки орифонаи ӯ, инчунин барои тавзеҳу ташреҳи ҷаҳони фикрии ӯ саъй намуда, шарҳҳо таълиф намудаанд. Ҳар як аз ин осори мансуру манзум далолат аз идомаи азамати рӯҳонии Мавлоно дар Осиёи Сағир менамоянд.

Хулосаи умумии диссертатсия низ ба ҳамон равиши муҳаққиконае, ки дар саросари тадқиқот ба мушоҳида мерасад, навишта шуда, фарогири зубдаи андешаҳои муаллиф аст.

Дар канори дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо боиси тамомияти ҳусни таҳқиқот хоҳанд буд:

1. Дар боби аввали рисола муҳаққиқ оид ба заминаҳои аслии маърифати мероси маънавии Мавлоно муфассалу мудаллал сухан ронда бошад ҳам, вале масоили баррасишаванда дар бахши хулоса бештар тавзеҳ дода нашуда, андешаҳо ҳамаҷиҳата хулоса нагардидаанд.

2. Он масъалаҳое, ки дар робита ба шарҳу исботи ҳувияти шахсии Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва омезиши ному осори ӯ бо шахсияти ҳамноми ӯ дар фасли аввали боби дуюм омадаанд, хеле тӯл кашида, зарурат ба ихтисор доранд.

3. Дар диссертатсия бо тарзҳои гуногун омадани номи шахсони алоҳида, чун Абулқосими Курагонӣ ва Гураконӣ, Бобо Камоли Ҷундӣ ва Ҷандӣ, Абӯязиди Бастомӣ ва Боязиди Бастомӣ ба мушоҳида мерасад.

4. Дар диссертатсия хатоҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ (дар саҳ.4, 6, 9, 16, 28, 62, 82, 84, 121, 197, 270 ва ғ.) дида мешаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни рисоларо кам намекунанд ва ислоҳи онҳо боиси беҳбуди кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, мувофиқати комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо се монография ва 48 мақолаи таълифнамудаи муаллиф пурра инъикос мекунанд.

Диссертатсияи Султонзода Тоҷибой Султонӣ дар мавзӯи “Камолуддин Ҳусайни Хоразмӣ ва суннатҳои шарҳнависӣ бар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ” тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти

дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ, аз рӯи ихтисоси 10.01.01.- Адабиёти тоҷик мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи васеи кафедраҳои назария ва таърихи адабиёт ва забони тоҷикии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода рӯзи 13-уми ноябри соли 2020, суратҷаласаи № 4 баъди муҳокимаи диссертатсия бо иштироки унвонҷӯ Султонзода Тоҷибой Султонӣ мураттаб гардид.

Иштирок доштанд: 29 нафар, натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 29 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент** **Шамсов Н. С.**

**Котиби ҷаласа:**
**Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёт** **Боев Ш. Э.**

**Ташхисгар:**
**д. и. ф., профессори кафедраи забони тоҷикӣ** **Исмоилов Ш.**

**Имзои Шамсов Н. С., Боев Ш. Э. ва Исмоилов Ш.-ро тасдиқ менамоям:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш. М.**

**734019, ш.Душанбе, хиёбони Ф.Муҳаммадиев 17/6., тел.(+992 37) 232-50-00;**
**E-mail: shamsov1960@mail.ru.**